Лоиҳа аз ҷониби Итиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

Лоиҳа аз ҷониби Hilfswerk Austria International амалӣ мегардад.

# Коркардкунанда чиро бояд донад?

Мавод барои марказҳои захиравии корхонаҳои таълимӣ- истеҳсолӣ дар доираи лоиҳаи «Дастгирии корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ) оид ба коркарди маҳсулоти меваю сабзавот дар Тоҷикистон» таҳия гардидааст. Афкори нашрияи мазкур ифодагари ҳатмии сиёсат ва мавқеи созмони Иттиҳоди Аврупо намебошад.

**Душанбе - 2009**

Thank you for trying PDF Suite

## Мундариҷа

*Аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ* ........................................................................................2

*Назорати сифат дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ*...............................................11

*ҶОЙГИРШАВИИ ТАҶҲИЗОТИ КОРКАРДКУНАНДА* .........................................................15

*ТОКСИКОИНФЕКЦИЯҲОИ ХӮРОКВОРӢ (ЗАҲРОЛУДШАВӢ), бемориҳои инфексионнии системаи меъдаю рӯда ВА ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДАИ ОН дар саноати хӯрокворӣ*..... ...........................................................................................................................................20

Саноати хӯрокворӣ — яке аз бахшҳои саноати сабук аст, ки маҷмӯи истеҳсолоти маҳсулоти хӯроквориро дар шакли тайёр ва ё нимтайёр, собун ва воситаҳои шӯстушӯӣ, маводи косметикӣ ва парфюмериро дар бар мегирад. Саноати хӯрокворӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ асосан бо соҳаи кишоварзӣ ҳамчун таъминкунандаи ашёи хом ва бахши савдо робитаи зич дорад. Як бахши саноати хӯрокворӣ ба навоҳии ашёи хом тамоил дошта бошад, пас қисмати дигари он ба навоҳии истеъмолгар нигаронида шудааст.

Thank you for trying PDF Suite

# Аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ

Аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ раванди муҳим дар коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ ба шумор меравад ва набояд камарзиш арзёбӣ гардад. Барчасп ва тамғакоғазҳо нахустин нуктаи бархурди байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолгарон ба шумор меравaнд. Онҳо бо мақсади ошноӣ пайдо кардан ва фарқ кунонидани маҳсулот истифода мешаванд, ки ин ба харидорон имкон медиҳад, ки намуди мазкурро аз дигар навъҳои маҳсулоти хӯрокворӣ фарқ кунонанд ва ҳамчунин бобати гирифтани тасмим ҳангоми харидории мавод ба харидорон кӯмак менамояд.

Аз ин рӯ, тамғакоғазҳо ва барчаспҳо муҳимтарин воситаи маркетингӣ барои пешбурди маҳсулот ҳисоб меёбанд.

Намуди зоҳирии тамғакоғазҳо бояд дар мадди аввал диққатчалбкунанда ва чашмрас бошанд ва дар баробари ин мазмуни хуберо дар бар гиранд.

Тамғакоғази назарногир, хира ва номураттабу новозеҳ таваҷҷӯҳи харидоронро ҷалб карда наметавонад ва маҳсулот бидуни талабот боқӣ мемонад, ҳарчанд ки мазмуни дохилии он дорои сифати баланд мебошад.

Коркардкунандагони хурд бояд кӯшиш намоянд, ки маҳсулоти худро ба воситаи барчаспҳо ва тамғакоғазҳои беҳтарин аломатгузорӣ кунанд, ки онҳо метавонанд инро нисбати арзиши маҳсулот татбиқ созанд.



**Мақсади аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ:**

• Таъмин намудани истеъмолгарон бо маълумот дар бораи маҳсулот.



Thank you for trying PDF Suite

• Рекламаи маҳсулот.
• Фарқгузории маҳсулот аз маҳсулоти рақибон (таъин намудани маркаи тиҷоратӣ).
• Талаботи қонунгузорӣ.

**Тамғакоғаз (этикетка) бояд чиро дар бар гирад?**

Дар мадди аввал бояд дар назар дошт, ки тамғакоғаз ҳар қадар ки камтар маълумотро дар бар гирифта бошад, ҳамон андоза беҳтар аст.
Дар мавриде, ки агар тамғакоғаз то андозае мураккаб ва номураттаб таҳия гардида бошад, пас дар истеъмолгарон муносибати манфиро ба вуҷуд оварда метавонад, ки ин ба фурӯши маҳсулот таъсири ғайриқаноатбахш мерасонад.

**Талаботи ҳадди ақал дар бораи мазмуни тамғакоғазҳо дар бештари кишварҳо:**
• Номгӯи маҳсулот.
• Номгӯи маҳсулот ва нишонии таҳиякунанда.
• Замони таҳия кардан (мӯҳлати истифода).
• Миқдори маҳсулот.
• Рӯйхати таркибот (аз рӯи вазн бо тартиби камшавӣ).
• Замони бастабандӣ.
• Вазни холис.

**Маълумоти иловагии зеринро метавонад аз рӯи хоҳиш дар бар гирад:**
• Тамғаи тиҷоратӣ – имкон дорад, ки мазмуни логотипи тамғавиро надошта бошад, вале барои пешбурди тамғаи тиҷоратӣ ва муқаррар намудани он дар бозор хеле муҳим аст, ки логотипро муайян ва ҳамроҳ карда шавад (тасвир, символ, калима, ҳарфҳое, ки ҳамчун аломати фарқкунандаи тамғаи тиҷоратии маводи мазкур хизмат менамояд). Дар ин маврид истеъмолкунанда метавонад ба таври оҷил маҳсулоти шуморо пайдо намояд, баргашта ояд ва онро харидорӣ кунад.
• Дастурамал дар бораи таҳия ва истифодаи он.
• Дастурамал дар бораи нигоҳдорӣ ва ё дастурамал оид ба нигоҳдории он пас аз кушодан.
• Тарзи таҳияи кардани он.
• Мавҷуд будани маводи сунъӣ, агар маҳсулот аз Аврупо ворид мегардад.
• Штрих-код (дар муқоваи маҳсулот).

**Гуногунии тамғакоғазҳо барои маҳсулоти хӯрокворӣ.**
Далели он, ки тамоми маҳсулоти хӯрокворӣ бояд аломатгузорӣ шуда бошанд, маънои онро дорад, ки мавҷудияти тамғакоғазҳо, барчаспҳо, часпакҳои коғазӣ шубҳаовар нестанд. Анво ва намудҳои тамғакоғазҳо вобаста ба навъҳои маҳсулот, зарфҳои бастабандӣ ва афзалиятшумории истеҳсолгарон фарқ мекунанд.
Маводи аз ҳама серистифода ва арзонтарин барои аломатгузории маҳсулот коғаз ба шумор меравад, ки онро ба таври оддӣ метавон ба муқоваи мавод часпонид.




Ҳамчунин метавон аз тамғакоғазҳои худширешшаванда истифода намуд, вале арзиши онҳо то андозае гаронтар мебошад ва ин албатта дар арзиши аслии маҳсулот таъсири худро мегузорад.
Тамғакоғазҳои коғазӣ асосан аз коғази оддӣ тайёр карда мешаванд. Маълумот дар болои коғаз метавонад навишта шавад ва ё ба воситаи принтер чоп карда шавад.

Тамғакоғазҳоро ба муқоваи маҳсулот метавон ба таври дастӣ ширеш намуд. Албатта, доштани асбоби махсус барои часпонидани тамғаҳо ба болои муқовабандҳо беҳтар аст. Асбоби мазкур аз штангаҳои равонакунандаи ба болои мизи корӣ маҳкам кардашуда иборат аст. Бастаи тамғаҳо рӯ ба тарафи поён дар самти равонакунандаи штанга гузошта мешаванд. Дар қисмати болоии тамға ширеш молидан лозим аст ва баъдтар зарфро ба тамғакоғаз наздик овардаю онро ба ширеш ҷафс мекунонанд.
Баъдан зарф дар болои қолини резинӣ ғелонда, чарх занонда мешавад, то тамғакоғаз ба қисмати болоии зарф сахт часпида маҳкам шавад.
Дар расми 3 қолабе тасвир ёфтааст, ки он метавонад ҳангоми истифодаи амалиёти мазкур кӯмак расонад. Таҷҳизот барои часпонидани тамғакоғазҳо бештар самаранок ва сермаҳсултар мебошад, нисбат ба усули дастии тамғачаспонӣ.



Ширешҳои дар об маҳлулшаванда, ки дар таркибашон крахмал ва целлюлоза доранд, яке аз воситаҳои беҳтарин ҳангоми ба кор бурдани зарфҳои мавриди истифодаи чанд мартабавӣ ба шумор меравaнд. Этикеткаҳое, ки бо истифода аз ширешҳои дар об маҳлулшаванда шиpеш карда шудаанд, метавонанд аз қисмати болоии маҳсулот дар шароитҳои обу ҳавояшон гарм ба таври осон канда шаванд. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолат зарур аст, ки аз ширешҳои дар заминаи полимерҳо омодашуда истифода бурда шавад.

Тамғакоғазҳои худширешшаванда дар шароитҳои гарми обу ҳаво низ аз болои бастабандҳо канда намешаванд, чунки онҳо дар таркиби худ маводи муқарраршудаи махсусро доро мебошанд.

Тамғакоғазҳо бояд ба болои бастабандҳо эҳтиёткорона часпонида шаванд, то намуди зоҳирии маҳсулот тозаю озода бошад.

Мошинҳои хурди аломатгузорӣ метавонанд барои тамғагузории маҳсулот истифода гарданд.

Яке аз намудҳои ин гуна мошинҳо дар расми 3 нишон дода шудааст, ки он метавонад дар як дақиқа аз 30 то 40 тамғакоғазро часпонад.

**Дизайни умумии тамғакоғазҳо**

Дар ҳолате, ки агар маҳсулот ҳамчун ассортимент истеҳсол карда шавад, пас метавон як намуди умумии дизайнро коркард намуд ва барои ҳар як навъи маҳсулот мутобиқ сохт ва танҳо унвон ва мазмуни таркибии маҳсулотро тағйир доду халос.

Thank you for trying PDF Suite



Ин метавонад хароҷоти ба аломатгузорӣ вобастаи истеҳсолгарони хурдро кам намояд. Аз ин рӯ, як қолаби умумие бояд дошт, ки дар он маълумоти мавриди зарурат дар он ба таври содда навишта ва ё часпонида шаванд

**Маълумоти муҳим барои баррасӣ.**

Дизайни тамғакоғазҳо ва сифати коғази истифодашаванда ва ё маводи дигари истифода мешуда ҳангоми пешбурди маҳсулот дар бозор бисёр муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ, маълумоти оддии таҳвилнарасонандаи тамғакоғаз метавонад беҳтар ва диққатҷалбкунанда ба назар расад.

Тамғаи тиҷоратӣ ва ё номи ташкилоти истеҳсолкунанда бояд дар доираи сурати умум ба таври барҷаста ба чашм расад ва агар дар ороиши тамғакоғазҳо расмҳо истифода шавад, пас онҳо бояд маълумотро дар бораи маҳсулот ва ё таркиби маводи он сабт ёфта бошад.

Барои он, ки хусусиятҳо ва ҷанбаҳои фарққунандаи маҳсулотро таъкид карда шавад, метавонед аз рангҳо ва барои зебо нишон додани он аз тобишҳои рангӣ истифода намуд.




Вале бояд ҳангоми интихоби рангҳо ва тобишҳои он хеле эҳтиёткорона муносибат намуд, чунки онҳо метавонанд дар андешаи истеъмолкунандагони потенсиалӣ ассотсиатсияҳои гуногунро дар мавриди тасмим гирифтан бобати харидории маҳсулотро ба амал оваранд.

Th u for trying PDF Suite

Масалан, дар суннати баъзе мардумон ранги сафед ифодакунандаи марг мебошад. Дар баъзе минтақаҳо рангҳои хокистарӣ, зард ва ё сабз таҷассумгари табиат ва ё саломатӣ ва ҳамчунин босифатӣ ба шумор меравaнд.

Дар аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ истифода намудани тасвирҳои графикии маҳсулоти хӯрокворие (ингредиентҳое), ки дар таркиби маводи хӯроквории мазкур мавҷуд нестанд, роҳ дода намешавад.
Ҳангоми омода ва таҳия намудани дизайни муқовабандҳо метавон ба дизайнерҳои касбӣ ва бадеӣ муроҷиат намуд ва дар мавриди набудани чунин шароит бояд бо рассомони маҳаллие, ки дар мактабҳо ва маҳфилҳои рассомии маҳалҳо фаъолият доранд, маслиҳату машварат намоянд.
Баъдан, набояд фаромӯш кард, ки дизайну ороиши тамғакоғазҳо бояд дар муассисаҳои давлатии марбута мавриди муҳокима ва маъқулшуморӣ қарор гиранд ва пас аз он сабти ном шавад.
Қабл аз он, ки тамғакоғазҳо ба теъдоди муайян ба нашр расонида шаванд, бояд шакли мукаммали матни он бо мақсади таҳриру ислоҳи ғалатҳои грамматикӣ аз санҷиш гузаронида шаванд.

**Ҷанбаҳои ҳуқуқии аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ**

Дар баъзе мамлакатҳо барои нодуруст таҳия намудани дизайн ва мазмуну мундариҷаи тамғакоғазҳо метавонанд, ки истеҳсолкунандагонро дар заминаи қонунгузории ҷиноятӣ зери таъқиб қарор диҳанд. Аз ин сабаб, ба манфиати истеҳсолкунандагон аст, ки дар аввали коркард ва таҳияи дизайн ва мазмуни тамғакоғазҳо бояд муассисаҳои марбутаи маҳаллиро доир ба стандарт ва дизайни тамғакоғазҳо бобати мутобиқаташон ба ҳамаи меъёрҳо ва талаботҳои маҳаллӣ ҷалб намоянд.

Як қатор талаботҳое мавҷуд аст, ки дар онҳо иттилоотро дар бораи мазмуни барчаспҳо ва ё тамғакоғазҳо дарҷ намудаанд, вале дар бештари кишварҳо ба таври муфассал чунин маълумот дар бораи қонунгузории навишта шудааст:

- Нишон додани номгӯи ингредиентҳои гуногуни маҳсулот.
- Ингредиентҳое, ки аз ҷониби қонунгузорӣ иҷозат дода нашудаанд.
- Истифодаи чунин суханон аз қабили «то.......истифода бурда шавад» ва ....
- Ҷойгиршавии унвони маҳсулот, мӯҳлати истифода, вазни холис (дар лаҳзае, ки истеъмолгар ба маҳсулот чашм медӯзад, бояд дар як қатори нуктаи биниш қарор дошта бошанд).
- Аз назаргузаронии иттилоот ва маҳорати истеъмолкунанда бобати қабули он (бо шумули андозаи ҳарфҳо ҳангоми нишон додани намудҳои гуногуни иттилоот).
- Истифода намудани калимаҳои муайян ва ифодаҳо ҳангоми навиштани чунин вожаномаҳо аз қабили «бомазза», «тару тоза» ва ғайра.

Номгӯи маҳсулоти хӯрокворӣ набояд, ки оид ба маҳалли тавлидоти мавод мардумро ба иштибоҳ андозад.
Барои ифода намудани унсурҳои аломатгузорӣ ба таври ҳатмӣ истифода намудани амалҳои осон хондашаванда ва тез фаҳмидашаванда, то ин ки истеъмолгарро ба иштибоҳ набарад.

Thank you for trying PDF Suite

Бояд барои машварат бо мақсади таъмини мутобиқати пурраи талаботҳо ба мутахассисоне, ки мақомоти идораи давлатии маҳалҳоро муаррифӣ менамоянд, муроҷиат намуд.

Расми 5: Маълумот дар бораи он, ки маҳсулот кай тавлид шудааст ва мӯҳлати истифодаи он дар тарафи муқобили муқовабанд нишон дода шудааст.




**Намунамисоли умумии қуттӣ - тамғакоғаз**

Тафсири истилоҳоте, ки ҳангоми аломатгузории маҳсулот истифода мегардад:

**Таърихи истеҳсол** – мафҳумест, ки таърихи ниҳоии тавлиди маҳсулотро ифода менамояд.
**Таърихи муқовабандӣ** – таърихеро ифода мекунад, ки дар он маҳсулоти ниҳоӣ ба зарф ҷойгир карда шудааст ва дар он ба фурӯш бароварда мешавад.

**Мӯҳлати истифода –** давраест, ки пас аз гузаштани он маҳсулот барои истифодаи мақсаднок ғайри қобили қабул ҳисоб меёбад.

**Ингредиентҳо (маводи таркибӣ)** – моддаҳо ва ё маҳсулоти баромадашон аз ҳайвонот, наботот, микробиологӣ ва ё маъданӣ, бо шумули иловатаркибҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва ё моддаҳои фаъоли биологие, ки ҳангоми тайёр кардан ва ё истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода бурда мешаванд ва дар таркиби маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷумла, дар шакли тағйирёфта мавҷуд мебошанд.

**Аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ** – ҳамагуна маълумот, ишоракунӣ, расмҳо ва аломатҳое, ки ба маҳсулоти хӯрокворӣ мансуб ҳастанд ва дар этикетка ва ё дигар навъи паҳнкунандае, ки он ҳамрадиф дар маҳсулоти хӯроквории муқовабандшуда ҷой дода шудааст.

**Муқовабанд –** восита ва ё маҷмӯи воситаҳое, ки маҳсулотро аз осеббинӣ ва талафёбӣ, аз муҳити ифлоси атроф муҳофизат мекунанд ва ҳамчунин раванди муносиботи маҳсулотро таъмин мекунанд. Тахти раванди муносибот ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот фаҳмида мешавад.

**Тамғакоғаз (этикетка)** – дарбаргирандаи иттилоотест, ки дар маҳсулоти хӯроквории муқовабандшуда маҳкам карда шудааст ва дар он аломатгузории маҳсулоти хӯрокворӣ нишон дода мешавад.

Thank you for tr... PDF

# Назорати сифати маҳсулот дар корхонаҳои хурд оид ба коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ

## МУҚАДДИМА

Назорати сифат (НС) яке аз қисматҳои муҳим ва ҷудонопазирӣ фаъолияти кориест, ки аз ҷониби корхонаҳои ҳам калону ҳам хурд ба ҳисоб гирифта шавад.
Назорати сифат барои корхонаҳои хурду миёна оид ба коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ чорабинии иловагӣ ба шумор намеравад.

**Вазифаҳои назорати сифат иборатанд аз:**

- **Ҳимоят намудани истеъмолкунандагон аз таҳдид ва хатари заҳролудшавӣ ва ҳамчунин ба истеъмолгарон имкон медиҳад, ки маводи сифатноки марбутаро харидорӣ намоянд.**
- **Ҳимоят намудани истеъмолкунандагон ва соҳибкорон аз фиребгарию ҳуққабозиҳо аз ҷониби таъминкунандагони маҳсулот, ашёи хом, тавлидкунандагони таҷҳизот ва ҳамчунин то андозае бобати пешгирӣ кардани гунаҳкорсозии сохтаи ҷониби миёнаравон, истеъмолгарон ва таъминкунандагон.**
- **Боварӣ ҳосил намудан, ки қонунгузории амалкунанда оид ба хӯрокворӣ вайрон нашудааст. Назорати сифат (НС) вақти зиёдеро намегирад ва ё захираҳоро банд намекунад, вале натиҷаи НС метавонад ҷиҳати сарфакории воситаҳо дар дурнамои дарозмуддат мусоидат намоянд.**

Асосан, муқаррароти назорати сифат аз рӯи имконот бояд содда бошанд ва мунтаҳо иттилооти мавриди зарурatро таъмин намоянд. Мавҷуд будани маълумоти маҳдуд тасаввуроти мукаммалро дода наметавонад, ҳамчунин мавҷудияти иттилооти ҳаҷман калон имкон дорад, ки роҳгум занонад ва ҳангоми гирифтани тасмим таъхир ба миён ояд. Назорати сифат барои пешгӯӣ ва назорат аз болои сифати маҳсулот истифода мегардад. Зарур нест, ки маҳсулотро тавлид намоем ва бобати муайян намудани сифати он санҷиш гузаронем ва сипас кӯшиш кунем, ки барои як бахши муайян истеъмолгаронро пайдо намоем. Назорати сифат барои пешгӯии сифати маҳсулот ва назорат бар равандҳои истеҳсолот истифода мешавад, ки ин бобати ба даст овардани сифати мавриди назар дар ҳар як бахши маҳсулот мебошад.

Ин маънои онро дорад, ки талабот ба сифат бояд дар шакли хаттӣ ифода гардида ва қаблан бо таъминкунандагон ва фурӯшандагон баррасӣ шаванд, инчунин нуктаи назорат бояд дар тамоми ҷараёни истеҳсолот муқаррар карда шавад.

## ТАЛАБОТ БА СИФАТ

Сифати маҳсулот ва ё маводи таркиботи он метавонад ба усулҳои гуногун андозагирӣ гардад, вале яке аз усулҳои маъмултарин ин тавсифи хусусиятҳои фарққунандаи сифат мебошад (Нақшаи 1).

Thank you for trying PDF Suite

Нақшаи 1.

| Тавсифоти сифат | Қабулшаванда | Номақбул |
|---|---|---|
| **Ранг** | *норанҷӣ/сурх* | *Зиёда аз 10 % сабз* |
| **Андоза** | *Ҳама гуна* | - |
| **Шакл** | *Ҳама гуна* | - |
| **Нуқсонҳо:**<br><br>**- осебдида**<br>**- мавҷудияти ҳашарот**<br>**- нишонаҳои занбурӯғак** | <br><br>*Камтар аз 5 %*<br>*Камтар аз 5 %*<br>*Пурра мавҷуд набудан* | <br><br>*Зиёда аз 5 %*<br>*Зиёда аз 5 %*<br>*Ҳама гуна нишонаҳои занбурӯгакҳо* |
| **Мустаҳкамӣ** | *нарм* | *Зиёда аз 10 % сахт* |

Хусусиятҳои сифати помидорҳо, ки бобати истеҳсоли пастаҳо пешбинӣ гардидаанд.
Номгӯи шартҳое, ки дар онҳо тавсифоти сифатии маҳсулот метавонад ба таври хаттӣ дарҷ ёфта бошад ва бо таъминкунандагон ва ё фурӯшандагон машварат шудааст.

Шумораи бандҳо аз рӯи махсусиятҳо:

- Интихоби намунаҳо ва муқаррар кардани андозаи бахши маҳсулот бо мақсади гузаронидани санҷиши тестӣ, ки итминон пайдо намоем, ки тамоми маҳсулот ба талабот ҷавобгӯ мебошад (Барои бахшҳои хурди маҳсулот ҳамаи қуттиҳо, сандуқҳо ва ғайраро метавон аз санҷиш гузаронид). Андоза ва теъдоди озмоишҳое, ки барои санҷишҳо дар корхонаи хурд заруранд, шуморидан мумкин аст, вале одатан ин амали мураккаб ва ғайриҳатмӣ мебошад.
- Таносуби дарсадии маҳсулоте, ки ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ нестанд ва ин ба рад намудани ин бахши маҳсулот мерасонад, метавонад дар иртибот ба эҳтиёҷот, талабот ва афзалияти маҳсулот барои фурӯшандагон ва истеҳсолкунандагон коҳиш ва ё афзоиш дода шавад.
- Баъзе хосиятҳои маҳсулотро эҳтимол меравад, ки аз санҷиши тестӣ ба воситаи таҷҳизот гузаронидан зарур мегардад, то баҳсу тафсирдиҳиҳо пешгирӣ карда шавад. Масалан, мустаҳкамиро метавон ба воситаи пенетрометри (асбоб барои муайян намудани зичӣ) оддӣ бобати муайян намудани нармӣ ва ё зичии дар расми 1 нишон додашуда, чен намуд.

Thank you for trying PDF Suite




Хангоме, ки помидорҳо барои коркарди пастаҳо пешбинӣ гардидаанд, ба андоза ва шакли ашёи хом он қадар аҳамият намедиҳанд. Дар мавриди дигар (меваҷотро барои дар бонкаҳо ҷобаҷо кардан) андоза ва шакли онҳо метавонад нақши муҳим дошта бошад.
Ҷанбаи бисёр муҳим ин пухта будан ва маззаи помидорҳо мебошад, ки аз рӯи рангу сахтӣ арзёбӣ гардидаанд ва ҳамчунин захмрасидаҳо, ки аз сабаби ғайри қобили талабот нигоҳдорӣ кардан, бор кардану фаровардани маҳсулот ба вуҷуд омадаанд ва ифодагари махсусиятҳои талаботи мазкур мебошанд. Ҳар як махсусият истифодаи мақсадноки маҳсулотро дар назар дорад ва ҳамчунин осебпазирии назаррасро, ки метавонанд пайдо шаванд.

| **Нишонаҳои сифат** | **Мисолҳо** |
|---|---|
| **Микдорӣ** | Мавҷудияти шакарро металабад (15 %) |
| **Пинҳоншуда** | |
| моддаҳои зараровар | афлатоксинҳо дар чормағзи заминӣ (арахис) |
| микробиологӣ | теъдоди микробҳо |
| арзиши ғизоӣ | мавҷудияти витаминҳо |
| иловагиҳо | бӯи сунъӣ, ғализӣ |
| **Рецепторӣ** | |
| ранг | пухтарасии мева |
| андоза, шакл, намуди зоҳирӣ | андозаи маводи буридашуда, бахши он |
| зичӣ, текстура | мавҷудияти шарбат, дуруштии мева |
| маза | шӯрӣ, ширинӣ, тезӣ, туршӣ |
| хушбӯй | мазаи хоси помидорҳо |

**НУКТАҲОИ НАЗОРАТӢ.**

Дар ҳар як раванди коркарди хӯрокворӣ марҳалаҳои махсусе мавҷуд аст, ки он ба сифати ниҳоии маҳсулот таъсир мерасонад. Масалан, миқдори гармии барои пастеризатсияи шарбатҳо истифодашаванда ба ранг, бӯй ва мӯҳлати нигоҳдории он асар мекунад. Ҳамин гуна марҳалаҳо ҳамчун нуктаҳои назоратӣ ишора мешаванд ва назорат ба сифати маҳсулот дар нуктаҳои мазкур бо мақсади санҷишӣ тамоми раванд гузаронида мешавад.

Аз ин сабаб, коркардкунандагонро зарур аст, ки дар ибтидо нуктаҳои назоратиро дар равандҳои истеҳсолот муқаррар намоянд – бо истифода аз кӯмаки техникии беруна ҳангоми зарурат – ва баъдан таҳия намудани махсусиятҳо барои истифодабарии операторон.

Масалан, ҳангоми истеҳсоли джемҳо миқдори пектинҳо, меваҷот ва шакар бояд назорати ҷиддӣ шавад, аз ин рӯ, вазни ингредиентҳои мавҷуда ҳамчун нуктаи назоратӣ ба шумор меравад, чунки вазни ҳар як ингредиент бояд муқаррар ва баркашида шавад.

Ҳамин тавр, дигар нуктаҳои назоратӣ: туршии джем, мавҷуд будани шакар пас аз ҷӯшонидан ва ҳарорати қабл аз оби сарҷӯш давондашуда. Омехта бояд барои ба даст овардани туршии нормалӣ, мавҷудияти шакар ҳангоми ҷӯшонидан (ҳароратсанҷ истифода мешавад) ва ҳарорат пеш аз оби сарҷӯш давондан санҷида мешаванд.

Санҷиш дар нуктаҳои назоратӣ имкон дорад, ки бо мақсади назорат дар тамоми раванд ва таъмини сифати ягона истифода гардад.

Thank you for trying PDF Suite

# ҶОЙГИРШАВИИ ТАҶҲИЗОТИ КОРКАРДКУНАНДА

Дизайни дурусти таҷҳизот ва асбобу олот дар коргоҳ барои гузаронидани поккории ҳамаҷониба бо мақсади пешгирии ифлосшавӣ ва пайдошавии микроорганизмҳо дар бинои истеҳсолӣ ва махсусан афтидани он ба дохили маҳсулот шарти муҳим ба шумор меравад.

Дар тафсири техникии мазкур принсипҳои асосие, ки метавонанд барои санҷиши дизайни таҷҳизот ва дастгоҳҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ бо мақсади муҳайё сохтани меъёрҳои санитарию гигиенӣ (беҳдоштӣ) истифода мешаванд, ифода гардидааст.

Ба нақшагирии дуруст ва ба таври дастрас будани поккории дастгоҳҳо ва таҷҳизот ба осонӣ имкон медиҳад, ки муҳити ҷавобгӯ ба талаботи санитарию гигиенӣ ба вуҷуд оварда шавад, ки ин ҳамчунин метавонад ба операторон осону мунтазам поккорӣ кардани мувофиқи матлабро дар муддати кӯтоҳ ва сарфаи воситаҳо ба амал бароранд.

**Мавқеи ҷойгиршавӣ**

Коргоҳҳои истеҳсолӣ набояд дар назди партовгоҳҳо, каналҳо, системаҳои обкашӣ ва дигар маҳалҳое, ки дар он ҷойҳо ҳашарот ва хояндагони зиёд зиндагӣ мекунанд, насб карда шаванд.

Маҳали мазкур ҳатман бояд системаи обпарто ва ҳамчунин имконоти бидуни мушкилӣ нест кардани партовҳои истеҳсолиро берун аз территорияи корхона дошта бошад. Дастрасӣ ба оби тоза чке аз талаботҳои ҳатмӣ ҳисоб меёбад.

Худи территорияи ҷойгиршавии коргоҳ бояд пайваста аз ҳамагуна ифлосшавӣ тозаю озода карда шавад ва ҳамеша дар ҳолати поккорӣ нигоҳдорӣ шавад, то пайдошавии хояндагон пешгирӣ гардад. Дарахтон атрофро бо сояи зарурӣ таъмин месозанд, вале ҳамеша паррандагонро ба худ ҷалб мекунанд, ки ин ба таври потенсиалӣ сарчашмаи сироякунии маҳсулоти хӯрокворӣ ба шумор мераванд.

**Интерьер (намуди дохилӣ)**

Биноҳои истеҳсолии тозаю аз ҳад зиёд банд накардашуда барои коргарон, муштариён, ниёзмандон ва нозирон муҳити мусодро эҷод месозанд ва ҳамчунин шароити санитарию гигиениеро, ки ба сифати маҳсулот ва саломатии кормандон таъсир мерасонад.

Деворҳо ва фаршҳо бояд ҳамвор, бидуни кафидагӣ ва сӯрох бояд бошанд, чунки дар онҳо метавонанд доначаҳои партовҳо ҷамъ шаванд.

Thank you for trying PDF Suite

Бино бояд сақфе дошта бошад, ки афтидани гарду чангро ба маводи коркардшаванда пешгирӣ намояд ва ҳамчунин имкон намедиҳад. Ки паррандагон ва ҳашарот ба коргоҳ дароянд.

Ҳамагуна қубурҳои имконпазир дар коргоҳ бояд дар як ҷой гирд оварда шаванд ва бо пӯши махсус пӯшонида шаванд, то тозагии онҳо ба таври қобили қабул таъмин карда шавад. Ҳамчунин шароит ба симҳои барқ низ дахл дорад.

Пештоқҳои тиреза бояд ба таври камтар моил ҷой гирифта бошанд, то кормандон ва муроҷиаткунандагон дар онҳо анҷомҳои шахсӣ ва ашёҳояшонро нагузоранд

**Қисмати болоии коргоҳ**

Намуди маводе, ки дар сохтори таҷҳизот истифода мегардад, омили муҳими таъсиррасонанда ба раванди тозакунии таҷҳизот ба шумор меравад. Чӯби дарахт ҳангоми сохтани бушкаҳо, бакҳо, цистернҳо ва дар мавриди қимат будани металл баъзан барои қисмҳои эхтиётии таҷхизот истифода мегардад.

Ҳамчунин чӯб ба таври васеъ барои тахтаҳои тақсимкунӣ истифода мешаванд. Вале хоҳ – ноҳоҳ тозакунии чӯб осон ба даст намеояд, махсусан, вақте ки он ҳамчун тахтаи тақсимкунӣ истифода мешавад ва касифиҳо дар таркишҳо ва шикофҳои он ҷамъ мегарданд. Бинобар ин, аз рӯи имконот бояд ба ивази маводи чӯбӣ аз маҳсулоти металлӣ (танҳо пӯлоди зангназанада) ва ё плостикӣ истифода намоед, ҳарчанд ки он ба арзиши таҷҳизот таъсир мерасонад. Вале бо вуҷуди ин ҳам агар маводи чӯбӣ истифода мегардад, бояд ба сифати воситаҳои шӯянда ва стерилизаторҳо диққати ҷиддӣ дода шавад

Бо филизоти сиёҳ (чугун) низ чунин мушкилот ба монанди чӯб пайдо шуданаш мумкин аст. Сатҳи металлии он зуд занг мезанад, ки ин мукилоти зиёдеро бобати раванди поккорӣ эҷод месозад ва ҳамчунин хавфи зиёди ифлосшавии маҳсулот аз заррахои зангзада ба вуҷуд меояд. Сатҳи болои таҷҳизот бояд ранг карда шавад, агар он дар бинои истеҳсолӣ истифода мегардад, вале ҳеҷ гоҳ набояд дар робита бо ашёи хом ва махсусан, бо маҳсулоти туршиовар ба мисли меваҷот ва ё маҳсулоти ширӣ мавриди истифода қарор гирад.

Маводи бартариятдори таҷҳизот дар маҳалҳои тамосгиранда бо маҳсулот пӯлоди зангназананда мебошад, ки он аз рӯи арзиш нисбатан маводи гаронқимат ба ҳисоб меравад. Пластик низ маводи алтернативии имконпазир шуда метавонад, дар он сурате ки маҳсулот набояд гарм карда шавад ва албатта ҳеҷ гуна мавод пӯлоди зангназанандаро иваз карда наметавонад, дар вақте ки маҳсулоти туршиоварро ба таври термикӣ коркард менамоед.

Ба маҳсулоти камтуршидор ва ё хушкшуда ин гуна талабот пешниҳод намешавад, аз ин рӯ, метавон маводи металлии алюминӣ, эмалдор, руҳандудшуда ва ҳатто мисӣ ва ё биринҷӣ дар сохтори таҷҳизот ва қисмҳои он, ки бо маҳсулот бархурд мекунанд, истифода намуд.



Thank you for trying PDF Suite

Вале ҳар ду маводи охирин (мис ва биринҷӣ)–ро ҳеҷ гоҳ набояд ҳангоми истеҳсоли равғанҳо ва чарбҳо истифода кард. Алюминий набояд дар вақти коркарди маҳсулоти гӯштӣ истифода шавад. Дар чунин маврид сатҳи болоии тамосгирандаи он бо металл бояд ба таври ҳамвор барои осонтар шудани поккорӣ сайқал дода шавад.

Ҷойи пайвасти маснуоти металлӣ бояд ба таври зарурӣ бо дарзҳои кафшергарии билофосила часпонида шуда бошад ва суфта сайқал ёфта бошанд.

Шикастаҳо, кафидаҳо, порчаҳои кафшергарӣ ва ноҳамвориҳоро лозим аст, ки бо ёрии пардоздиҳӣ бартараф карда шаванд ва кунҷҳои дохилии таҷҳизот бояд радиуси 6,35 мм дошта бошанд. Чунин ҷораҳои бехатарӣ имкон медиҳад, ки таҷҳизотро ба таври осон аз порчаҳои ғизоӣ ва ахлоттӯда тоза карда шавад. Дар мавридҳое, ки корҳои кафшергарӣ истифода кардан номумкин бошад, метавон аз пайвастаҳои парчинкунӣ, бо истифодаи ширешҳои махсус зичкунакҳои герметикӣ дар ҷойҳои пайвастшавии қисмҳои металлӣ ба кор бурда шавад.

Ҳамчунин имкон дорад, ки дар сурати риояти тадбирҳои зикрёфта аз воситаи қалъагикунӣ истифода бурда шавад, ҳамчунин дар вақте ки амали қалъакунӣ 50% аз қалъагӣ иборат бошад ва филизоти захрнок ба монанди кадмий ва сурма надошта бошанд.

Маҳали ҷойгиршавии имконпазири ҳамагуна резиши равғанҳо ва ё чарбҳо аз рӯи имконот бояд дар масофаи дуртар аз таҷҳизот ҷой гирифта бошанд, то аз ғалтидани онҳо ба маҳсулот пешгирӣ ба амал ояд.

*Расми 1.*




Thank you for trying PDF Suite

Ноқилҳои барқ бояд чунин тарзе қарор дошта бошанд, ки ҳамаи онҳо якҷоя гузаранд ва дар дохили қубури ҳамвор бобати поккории қулай ва ҳамчунин пешгирӣ кардани намӣ ва об ҷойгир шаванд. Муҳаррикони барқӣ (электродвигатель) низ бо ҳаин тартиб ва ҳамин сабаб маҳкам кардан лозим аст.

Бо мақсади амнияти кормандон қубурҳои буғ ва оби гармро оиқкорӣ (изоляция) кардан лозим аст. Изолятсия бояд бо маводи ҳамвори барои тоза кардан осон пӯшонида шавад. Ҳамаи қубурҳо бояд бобати таъмини дастрасии озод ҳангоми поккории онҳо дар масофаи 15 см аз девор ва ё фарш насб карда шаванд.

Таҷҳизот бояд дар масофаи муайян аз фарш ҷиҳати имконоти поккории мавриди зарурат нигоҳ дошта шавад. Ҷойҳое, ки такяҳои (пояҳои) таҷҳизот ба рӯи фарш меистанд, бояд чунон боэҳтиётона ба нақша гирифта шаванд, ки аз ахлоттӯдаҳоро ҷамъкунӣ эмин бошанд (ба расми 1 нигаред). Шумораи такяҳо бояд то ҳадди имкон истифода карда шаванд.

Бобати гузаронидани поккорӣ бо ёрии бурсҳо (щетка) ба қисмати дохилии қубурҳо ва таҷҳизот бояд дастрасии озод таъмин карда шавад.

Қубурҳои маҳкам кардашударо набояд истифода шаванд ва инчунин ҳамагуна қатшудагиҳо бояд ҳамвор ва на росткунҷа бояд бошанд.

Қати дуруст ин истифодаи радиуси на камтар аз қутри (диаметри) берунии қубур мебошад. Ҳангоми пайвасти қубурҳо дастрасии максималиро бобати поккорӣ таъмин намудан зарур аст, чунки ин ҷойҳо баъзан сарчашмаи ифлосшавӣ шуданашон мумкин аст. Мувофиқи максад аст, агар аз қубурҳои махсусе, ки қисмати дохилии онҳо печ надорад, истифода гардад.

Вале чунин намуди қубурро пайдо кардан мушкил аст ва бобати кушодану ҳамаҷониба гузаронидани давраии поккории қубурҳо нигоҳубини махсус зарур мегардад.

Хати қубури мувофиқи мақсад барои маҳсулоти хӯрокворӣ ин қубурҳои пластикӣ бо қутрҳои калон ба шумор меравад ва ин имкон медиҳад, ки бурсҳои поккорӣ ба дохили онҳо дастрасӣ пайдо намоянд. Хати қубурҳо ва таҷҳизотро метавон дар ҷояшон тавассути ба онҳо гузаронидани воситаҳои шӯянда ва стабилизаторҳо тоза намуд. Дар ҳолате, ки поккории пурра ва самаранок ба машваратҳои техникӣ муроҷиат намудан зарур мешавад.

Асбобҳои дастӣ ба монанди кордҳо, олоти буранда ва ғайраро бояд аз санҷиш гузаронид, то боварӣ ҳосил гардад, ки дастаҳои ҷӯбини онҳо шикаста ва кафида набошанд. Онҳоро бояд бо шутка тоза кард ва дар дохили маҳлули воситаи дезинфиксионидор гузошт ва баъдан барои хушк кардан овехтан лозим аст. Либоси корӣ, латтапораҳо, сачоқҳо ва



Thank you for trying PDF Suite

ғайраро ҳамеша шўста ва хушк кардан даркор аст. Латтаҳои тарро ҳеҷ гоҳ дар дохили таҷҳизот мондан мумкин нест.

**Сатҳи болоии коргоҳ**

Мувофиқи мақсад аст, ки сатҳи болоии коргоҳ бояд аз филизоти ҳамвор ва ё пластики сатҳаш бидуни таркиш иборат бошад. Вале чўб маводи арзон ва серистифода ба шумор меравад. Аз рўи имконот, мизҳо бояд бо қабати пластикӣ пўшонида шаванд, то аз ҷамъшавии моеъҳо ва заррачаҳои ғизоворӣ дар байни таркишҳои сатҳи мизҳо пешгирӣ карда шавад.

Thank you for trying PDF Suite

# ЗАҲРОЛУДШАВӢ АЗ МАВОДИ ХӮРОКВОРӢ ВА ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ ОН дар саноати хӯрокворӣ

*Умуман, аксарияти заҳролудшавӣ аз маводи хӯрокворӣ бо суханони зайл сар мешаванд: "Албатта дар яхдон ба онҳо чи шуданашон мумкин аст...".*

*Сабаби эҳтимолии марги яхтсменҳои русе, ки дар соҳилҳои Панама лангар партофта буданд, вайроншавии шӯш ва роҳҳои меъдаю рӯда аз сабаби хунравӣ ба шумор меравад. Инро консули Русия Георгий Полин зикр намуд.*
*Мувофиқи суханони вай патологоанатомҳо дар организми сайёҳони фавтида нишонаҳои марги маҷбурӣ ва ё маводи мухаддирро ошкор накарданд. Ҳамзамон ӯ зикр намуд, ки намунаҳои маводи организми яхтсменҳои дар ҳолати ғайримуқаррарӣ фавтида барои экспертиза фиристонида шуд ва натиҷаи санҷиш пас аз ду ҳафта маълум мегардад. Феълан фарзияи асосӣ ин заҳролудшавии вазнин маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Дар бандарҳои Панама қаблан ҳам чунин ҳодисаҳо рух дода буд, ки ба яхтсменҳо маҳсулоти пассифатро фурӯхтаанд.*
*http://www.utro.ru/articles/2009/06/05/818778.shtml*

Ба захролудшавӣ аз маводи хӯрокворӣ бемориҳои табиаташон гуногуне мансубанд, ки онҳо ҳангоми истеъмоли ғизо пайдо мешаванд ва аз микроорганизмҳои касалиангез ва ё токсинҳои онҳо ё дигар моддаҳои барои организм заҳрноки табиаташон ғайримикробӣ таркиб ёфтаанд. Барои заҳролудшавӣ аз маводи хӯрокворӣ ногаҳон сар задани он, зуд гузаранда характернок мебошад. Мардумони нисбатан ҳассос ба захролудшавӣ аз маводи хӯрокворӣ ин кӯдакон, шахсони калонсолу солхӯрда ва гирифторони бемориҳои рӯдаю меъда мебошанд. Дар онҳо заҳролудшавӣ дар аксари маврид дар шакли вазнин рух медиҳад.

Ҳарчанд ки ба инфексияҳои токсикии маводи хӯрокворӣ гурӯҳи фавқулода гуногунранги бемориҳо мансуб ҳастанд, лекин онҳоро ду нишонаи умумӣ ба ҳам мутаҳҳид месозад. Аввалан, онҳо бо роҳи алиментарӣ паҳн мешаванд, яъне ба организми одам бо истеъмоли хӯроки захролудшуда ворид мешаванд. Онҳо стрептококкҳо, стафилококкҳо, протеяҳо, энтерококкҳо, салмонелаҳо, ботулинус ва як қатор бактерияҳои дигар мебошанд. Ва сониян, омили асосии касалиангези мусоидаткунандаи рушду инкишофи инфексияҳои токсикии маводи ғизоӣ на худи микробҳо, балки токсинҳо – моддаҳои заҳрноке, ки дар натиҷаи фаъолияти ин микроорганизмҳо ва ҳангоми вайроншавии онҳо ба вуҷудоянда ба шумор мераванд. Бештари ангезандаҳои токсикоинфексияҳои маводи ғизоӣ метавонанд токсинҳоро на танҳо дар дохили хӯрок, инчунин ба воситаи ғизо дар дохили организми инсон афзоиш кунанд. Дар дохили меъда ва рӯдаҳои инсон вайрон шуда истода, онҳо порсияҳои иловагии моддаҳои токсикиро ҷудо менамоянд.

Категорияҳои хавф
Маҳсулоти хӯрокворӣ метавонанд аз рӯи имконпазирии хавфи онҳо ба се категория ҷудо мешаванд:



Thank you for trying PDF Suite

1. Он маҳсулоте, ки дар онҳо мумкин аст, ки як ва ё якчанд ингредиентҳо гирифтори бактерияҳое мебошанд, ки онҳо сабабгор ба заҳролудшавӣ аз моводи хӯрокворӣ мегарданд.
2. Он маҳсулоте, ки дар онҳо мумкин аст, ки равандҳои истеҳсолӣ бактерияҳоеро нобуд накардаанд, ки онҳо сабабгор ба заҳролудшавӣ аз моводи хӯрокворӣ мегарданд.
3. Он маҳсулоте, ки дар онҳо бактерияҳо метавонанд пас аз коркард пайдо шаванд, масалан, агар маҳсулот ба таври мавриди зарурат муқовабандӣ нашуда бошад.

Хавфи заҳролудшавӣ аз маҳсулоти хӯроквории намудҳои гуногуни моводи ғизоӣ ва гурӯҳбандии онҳо (аз рӯи се категорияи зикршуда)

| **Номгӯи маҳсулот** | **Дараҷаи хавф** | **Хавфи заҳролудшавӣ аз моводи хӯрокворӣ** |
|---|---|---|
| **Маҳсулоти пухташуда**<br>- Хлеб<br>- Кексҳо<br>- Бисквитҳо | <br>3<br><br>1,3 | <br>Паст<br>Паст<br>Паст |
| **Маҳсулоти бирёншуда**<br>- Гӯшт ва мурғ<br>- Сабзавот<br>- Чормағзҳо | <br>1,3<br><br>1 | <br>Миёна<br>Паст<br>Миёна |
| **Шӯркардашуда ва маринад**<br>- сабзавот<br>- моҳӣ | <br>1<br>1 | <br>Паст<br>Миёна |
| **Консерваҳо**<br>- мевачот<br>- сабзавот<br>- моҳӣ ва гӯшт | <br><br>1,3<br>1,3 | <br>Паст<br>Паст<br>Паст |
| **Маҳсулоти хушк кардашуда**<br>- мевачот<br>- сабзавот<br>- чормағзҳо<br>- лубиёӣ<br>- кабудӣ ва хӯриши таом | <br><br>1,2,3<br>1<br><br>1,2,3 | <br>Паст<br>Миёна<br>Миёна<br>Паст<br>Баланд |
| **Маҳсулот дар асоси шакар**<br>- Консерва<br>- қаннодӣ<br>- асал | | Паст<br>Паст<br>Паст |
| **Маҳсулоти яхнӣ** | | |



Thank you for trying PDF Suite

| | | |
|---|---|---|
| - гўщт, моҳӣ ва мурғ | 1,2,3 | Паст |
| - сабзавот | 1,2,3 | Миёна |
| - маводи ширӣ | 1,2,3 | Миёна |
| **Хӯришҳо** | | |
| - хушкшуда | 3 | Паст |
| - бирён | 3 | Миёна |
| **Маҳсулоти ферментӣ** | | |
| - Йогурт | 1 | Паст |
| - панир | | Миёна |
| **Равған ва чарб** | | Паст |
| **Маҳсулоти тару тоза** | | |
| - мевачот | | Паст |
| - сабзавот | 1 | Паст |
| - гўшт ва моҳӣ | 1 | Баланд |
| - шир | 1 | Миёна |
| - тухм | | Миёна |
| - бехмева | | Паст |
| - ғалладонагӣ | | Паст |
| **Маҳсулоти тайёр** | | |
| - маҳсулоти ҳасибӣ, | 1,2 | Баланд |
| бутерброд | 1,2 | Миёна |
| - Десерт | 1,2 | Баланд |
| - Яхмос | | |
| | | |

Маҳсулоти табиатан туршиаш пасте, ки одатан ангезандаи заҳролудшавӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, нисбатан хатарнок ҳисоб меёбад. Маҳсулоти хом ба монанди гўшт (махсусан гўшти мурғ), моҳӣ, сабзавот, шир ва тухм хатарнок ба шумор мераванд. Одатан чунин намуди маҳсулот агар коркарди термикӣ нашуда бошад, барои истеъмол ғайри қобили истифода мегардад. Ба ҳамин гурўҳ маҳсулоти яхкунонидашуда, бирёншуда, ферментигардида низ дохил мешаванд.

Маҳсулоти коркарди термикишуда (пухташуда, бирёншуда, консервшуда) ва маводи хушккардашуда пас аз коркард хатари заҳролудшавӣ аз маҳсулоти хӯроквориро ба вуҷуд меоварад. Одатан ин дар ҳолати нигоҳдории номатлуб ва нодуруст дар анбор ҷобаҷокунӣ ба амал меояд.

Истиснои асосӣ сабзиҷот, хӯришҳои таом ва баъзе анвои чормағзҳо (махсусан чормағзҳои заминӣ) мебошанд, ки дар онҳо фосидшавии ашёи хом мушкилоти асосӣ ба шумор меравад.
Ҳамагуна маҳсулоти тайёре, ки чунин ингредиентҳоро доранд, сарчашмаи имконпазирӣ заҳролудшавӣ аз маводи ғизоӣ мебошад. Ғолибан, маҳсулоти мевагӣ сарчашмаи заҳролудшавӣ ҳисоб намеёбад.

Thank you for trying PDF Suite

НАМУДҲОИ ЗАҲРОЛУДШАВӢ АЗ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ

**Стафилококк**
Ин бактерия заҳр ҷудо менамояд, ки метавонад он ҳангоми коркарди термикӣ низ зинда монад ва ҳамчунин дар намак (хлорид натрий) устувор буда, ба таври фаровон ҳангоми омода намудани намакоб (рассол) истифода мегардад. Одатан мавҷудияти баланди намак метавонад дигар намудҳои бактерияҳоро нобуд созад. Ангезандагони стафилококк одамоне мебошанд, ки маъмулан дар вақти тамос доштанашон бо маҳсулот онро мубтало месозанд.
Нишонаҳои заҳролудшавӣ аз хӯрокворӣ дилбеҳузурӣ, истифроғ кардан, шикамравӣ ва ихтилоҷи меъда (спазма) мебошад. Онҳо дар муддати 1- 4 соат пас аз истеъмоли маҳсулоти заҳрнокшуда пайдо мешаванд ва то 10 -12 соат тамдид меёбанд. Чунин навъи заҳролудшавӣ дар ҳолатҳои хеле кам метавонад ба марг расонад. Сарчашмаҳои асосии заҳролудшавӣ аз хӯрокворӣ маҳсулоти ширӣ ва ҳамчунин гӯштҳои хомкоркардашуда ва маҳсулоти қаннодии хамирин ба шумор меравaнд. Бактерияҳо аз ҷониби одамон ба воситаи сулфа, атса (ханҷараи гулӯ), захмҳои сироятшуда ва осебҳои болои пӯст мегузаранд.
Аз ин рӯ, одамоне, ки гирифтори ягон намуди бемориҳои пӯст ва сулфа ҳастанд, набояд дастрасӣ ба маҳсулот ва ё тамос бо онро дошта бошанд. Бактерияҳо то он вақте ки маҳсулот коркард мешавад, имкон доранд, ки заҳр ҷудо намоянд, аз ин сабаб муқаррар намудани навъи заҳролудшавӣ аз хӯрокворӣ хеле мушкил мегардад.
Коркарди термикӣ метавонад, ки бактерияҳоро нобуд созад, вале заҳрҳои ҷудонамудаи бактерияҳо ва дар маҳсулот боқӣ мондаро нигоҳ дорад.

**Салмонелла**
Салмонелла сабаби асосии заҳролудшавӣ аз хӯрокворӣ дар аксарияти кишварҳо мебошад. Ин бактерия дар маҳсулоте, ки ба таври мавриди зарурат коркарди термикӣ нашуда ва ё пас аз коркард заҳролудшуда ба мушоҳида мерасад. Сарчашмаи асосии он гӯшти мурғ, тухм ва маҳсулоти дар заминаи тухмҳо омодашуда ва маҳсулоти ширӣ ҳамчунин дар ҳудуди хавфҳои имконпазир қарор дорад. Бинобар ин, шароити махсуси зарурӣ барои нигоҳдории ашёи хом ва маводи нимтайёри ҷудо аз маҳсулоти тайёр лозим аст. Ҳамчунин зарур аст, ки таҷҳизот ва лавозимоти истеҳсолӣ эҳтиёткорона поккорӣ карда шаванд ва одамони дорои аломатҳои вайронии меъда ба назди маҳсулот роҳ дода нашаванд.
Гигиенаи шахсии кормандон (ба маҳсулот дастрасӣ дошта) дар сатҳи олӣ бошад. Нишонаҳои заҳролудшавӣ ангезандааш салмонелла шикамравӣ, истифроғ кардан, табкунӣ мебошанд, ки дар муддати 10 – 24 соати пас аз истеъмоли хӯроки заҳролудшуда ба вуҷуд омадаю 48 – 96 соат идома меёбад.
Салмонелла имкон дорад, ки сабаби марг дар байни одамони солхӯрда, ҷавонон ва шахсони ҷисман камқувват гардад. Аз ин рӯ, ҳангоми истеҳсолӣ ғизои кӯдакон эҳтиёткорона муносибат намуд.

**Шигеллҳо** (намуди микроорганизмҳо аз оилаи *Enterobacteriaceae;* ангезандаи исҳоли хунин (дизентерия). Ин намуди бактерия дар оби чиркину ифлос мавҷуд аст. Сирояткунӣ ҳангоми тамоси мустақими маҳсулот бо об ва ё дар вақти тамоси ғайримустақим (масалан, ба воситаи дастони коргарон, таҷҳизот ва оби чиркин) сурат мегирад. Риояти гигиенаи шахсӣ ва истифодаи оби тоза шарти зарурӣ ва муҳими пешгирии сироятшавӣ мебошад.



Thank you for trying PDF Suite

Шигеллҳоро одатан метавон дар он ҷое, ки гигиенаи шахсӣ риоя намешавад, мушоҳида намудан мумкин аст. Аломатҳои он дарунравӣ, таби баланд ва дилбеҳузурӣ буда, онҳо дар муддати аз 7 соат то 7 рӯз пас аз истеъмоли маҳсулоти сироятшуда зуҳур мекунанд. Он имкон доранд, ки ҳафтае давм кунанд, вале ҳолатҳои ба марг дучоршавӣ хеле кам ба назар мерасад. Ҳамагуна маҳсулоте, ки зарурати омодакунии дастиро тақозо менамояд, дар доираи хавф қарор дорад.

**Чӯбчаи рӯда (**кишечная палочка (*Escherichia coli*)

Дар рӯдаҳои ҳайвонот ва одамон ҳамчун яке аз унсурҳои асосии муҳити нормалии рӯдаҳо фаъолият мекунад. Муайянкунии бактерияҳои намуди *Escherichia* дар маҳсулоти хӯрокворӣ, об, хок, дар таҷҳизот оид ба ифлосшавии онҳо аз моводи ғоития дарак медиҳад, ки ин аҳамияти калони санитарӣ ва эпидемиологӣ дорад.

Асосан ду намуди асосии фарққунандаи чӯбчаҳои рӯда дида мешаванд:

- - Намуди аввал – ғайрипатогеннӣ, ки дар организми инсон фаъолият мекунанд ва онро микробҳои бемориангез муҳофизат менамоянд.
- - Намуди дуюм – патогеннӣ, ки ба намудҳои гуногуни бемориҳои рӯда ва инфексияҳои рӯда оварда мерасонад - колибактериозҳо.

Бактерияҳои мазкур ҳамчунин ба воситаи оби ифлос сироят мекунанд ва ё ҳангоми риоят накардани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва заводҳо ба амал меоянд.

Худи бактерияҳо низ метавонанд сироятшавии маҳсулотро эҷод намоянд ва ҳамчунин имкон доранд, ки дар рӯдаҳо захр ҷудо кунанд.

Сарчашмаи асосии онҳо маҳсулоти гӯштӣ ба шумор мераванд, ки дар маслаххона сироят мешаванд (масалан, сосискаҳо). Ҳамчунин мумкин аст, ки маҳсулоти ширӣ сироят шаванд.

Дигар сарчашмаҳо (масалан, шири пастеризашуда, яхмос) пас аз коркард ва ё ҳангоми риоя накардани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ метавонанд сироят шаванд.

**Ботулизм (**лат. *botulus* - ҳасиб)

**Ботулизм беморӣи камшумор, вале ҷиддии паралитикие (фалаҷшавӣ) мебошад,** ки бавуҷудоварандаи он токсинҳои асабест, ки бо кӯмаки бактерияҳои чӯбчаҳои ботулинӣ *Clostridium botulinum* ҷудо мешаванд.

Ангезандаи ботулизм - Clostridium botulinum – дар табиат хеле фаровон густариш дорад ва ҳудуди ҳамешагии фаъолияти он хок ба шумор меравад. Анаэроб (беҳаво) спораҳоро ба вуҷуд меоварад, ки ба таври фавқулода нисбат ба таъсири омилҳои физикию химикӣ устувор мебошад. Спораҳо (таркиби махсуси растанӣ) нисбат ба ҷӯшонидани 5-соата низ тоқатпазир мебошанд ва дар ҳарорати 120 С пас аз 20 дақиқа маҳв мешаванд. Дар шароити анаэробӣ, яъне ҳолати бе кислородӣ (дар дохили порчаҳои калони маҳсулоти гӯштӣ ва моҳӣ, дар консерваҳои маҳкамкардашуда) спораҳо ба шакли вегенативӣ (қобилияти зиндагӣ кардан) мубаддал мегарданд, ки афзоиш ёфтаю токсинҳоро ба вуҷуд меоранд.

Се намуди ботулизм мавҷуд аст:

- Ботулизми баромадаш аз маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ҳангоми истеъмоли маводи дорои токсини ботулизм зуҳур мекунад.
- Ботулизми ҷароҳатӣ, ки аз ҷониби токсинҳои чӯбчаҳои ботулинӣ бо ҷароҳатҳои сироятшуда зуҳур мекунад.
- Ботулизми кӯдакона, ки пас аз истеъмоли спорбактерияҳое, ки дар рӯдаҳо фаъолият мекунанд ва токсинҳоро ҷудо менамоянд, сарчашма мегиранд.



Thank you for trying PDF Suite

Ҳама шаклҳои ботулизм хеле хатарнок мебошанд ва бояд бистарӣ шаванд. Ин намуди ҷиддитарини заҳролудшавӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад, ки он аломатҳои зиёде дорад ва дар маҷмӯъ метавонад ба марг оварда расонад. Нишонаҳои он пас аз муддати 18 – 36 соати истеъмоли маҳсулоти заҳролудшуда маълум мешаванд. Нишонаҳои аввалини бемории он беҳолӣ, сустии бадан, дарди сар, чарх задани сар ва баъзан истафроғ кардан мебошанд. Баъдан нишонаҳои вайроншавии қобилияти биниш (хирашавии чашм, дута ба назар намудан, ларзиши ғӯзаи чашмон, халташавии қавоқҳои чашм) зуҳур мекунанд. Овоз суст мешавад, қулт кардан ва хоидан мушкил мегардад. Давомнокии беморӣ бо тарзҳои гуногун сурат мегирад, ба ҳисоби миёна аз 4 то 8 рӯз ва баъзан то як моҳ ва зиёдтар мебошад. Спораҳои чӯбчаҳои ботулинӣ нисбат ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити атроф ба таври фавқулода устувории баландро молик ҳастанд.

**Гепатит А**

Вирус (ангезанда) аз одамони сироятшуда ба маҳсулот мегузарад. Ҳангоми коркарди термикӣ хеле осон вайрон мешавад ва сарчашмаи асосии он маҳсулоти хоме мебошад, ки пас аз коркардшавӣ сироят шудааст.

Сироятшавии маҳсулотро пешгирӣ кардан мумкин аст, агар дастрасии одамони сироятшуда ба маҳсулот манъ карда шавад.

Сироятшавӣ ба воситаи об ва хӯрокворӣ сурат мегирад, ки ин таҳти унвони «тамоси маишӣ» -ии усули гузариши беморӣ мебошад. Аҳамияти махсусро усули гузариши инфексияҳо ба воситаи об доро ҳастанд, ки пайдошавии хуруҷи эпидемикии гепатити А – ро таъмин менамоянд.

**Микотоксинҳо**

Микотоксинҳои хӯрокворӣ — ин бемориест, ки ҳангоми истеъмоли маҳсулоти коркардашудаи ғалладонагие, ки бо моводи токсикии замбуруғаки микроскопӣ сироят шудааст, ба амал меояд.

Шумораи фаровони заҳролудшавӣ (масмумият) ба воситаи мағорак вуҷуд дорад, вале нисбатан намудҳои хеле ками замбӯруғакҳои мағорӣ метавонанд ба заҳролудшавӣ аз моводи хӯрокворӣ оварда расонад. Баъзе намудҳои замбӯруғакҳои мағорие, ки дар маҳсулоти растаниҳо (арахис, гандум, ҷавдор, ҷуворимакка, биринҷ ва ғайра) фаъолияти паразитӣ мебаранд, аз худ моддаҳои токсикӣ – афлотоксин (фурокумаринҳо) ҷудо менамоянд, ки онҳо қобилияти таъсиррасонии канцерогеннии барҷаста доштаю вайроншавии вазнини ҷигарро ба вуҷуд меоваранд. Афлотоксинҳо термолабильнӣ буда, дар об кам маҳлул мешаванд ва танҳо ба воситаи талхаҳои сахт вайрон мегарданд. Дар моводи хӯрокворӣ афлотоксинҳо дар раванди ҳароратҳои гуногун ва махсусан ба таври фаъол дар ҳарорати 22 – 30°С ва намнокии 85 – 90% ба вуҷуд меоянд.

Тадбирҳои асосии пешгирии микотоксикозҳо ин ташкил намудани шароити дурусти нигоҳдории маҳсулот (махсусан ғалладона) мебошад, ки ҳолатҳои мағорзанӣ ва намгириро истисно месозад. Агар ба мағорзанӣ имконот муҳайё нашавад, ки рушду инкишоф кунад, дар он сурат етавон сироятшавиро пешгирӣ намуд, яъне то ҳадди минималии намнокии мавриди зарурат хушккунии таъҷилии маҳсулот.

**Домана (брюшной тиф)**

Тифи шикам ё домана – бемории инфексионии шаддид аз гурӯҳи инфексияҳои рӯда мебошад, ки аз рӯи интоксикатсияи умумии организм (сустии бадан, беҳолӣ, дарди сар,



Thank you for trying PDF Suite

баландшавии ҳарорати бадан, дилбеҳузурӣ, баъзан қайкунӣ, ҳарзагӯӣ ва галюсинатсия) пайдо мешавад ва сабабгори вайронкунии дастгоҳи лимфатикии рӯдаи тунук бо хуруҷи захм мегардад. Ангезандаи беморӣ – чӯбчаҳои тифи шикам *Salmonella thyphi* мебошанд, ки нисбат ба муҳити атроф ва ба воситаҳои дезинфитсионӣ қобилияти устуворӣ доранд. Ангезандаи он метавонад дар об ва хок аз якчанд рӯз то якчанд моҳ, дар меваҳо ва сабзавот аз 5 то 10 рӯз қобилияти зиндагӣ кардан дошта бошад. Муҳити мусоид барои бактерияҳо ин маҳсулоти хӯрокворӣ (шир, сметана, творог, фарши гӯштӣ) мебошад, ки дар он ҷо онҳо на танҳо нигоҳдорӣ мешаванд, балки имконоти афзоиш пайдо мекунанд. Ҳангоми гармкунӣ бактерияҳо тез нобуд мешаванд. Ба организми инсон ба воситаи даҳон дохил шудаю аз он ҷо ангезандаҳо ба рӯдаи тунук мегузаранд.

Сироятшавӣ аз одами бемор ва ҳамчунин одами сироятшуда (ҳолате, ки дар организми инсон бактерияҳои бемориовар мавҷуд ҳастанд, вале нишонаҳои беморӣ дида намешаванд). Ангезандаҳо ба муҳити атроф бо наҷосат, шоша ва туфи одами бемор ва ё сироятшуда бароварда мешаванд ва ин ба организми инсони тансиҳат ҳангоми истеъмоли оби ифлосшуда ва ё ногаҳон фурӯ бурдани он дар вақти оббозӣ дохил мегардад. Аз ҷониби ангезандаҳо чиркин шудани шир, сабзавот, нон ва дигар анвои маҳсулот метавонанд сабаби бемориҳои алоҳида ва гурӯҳие гарданд, ки имконоти рушди эпидемия шаванд. Сироятшавӣ ба воситаи дастони ношӯстаи бемор ва ё одами сироятшуда ба амал омаданаш мумкин аст. Ҳангоми мавҷуд набудани канализатсия паҳншавии беморӣ метавонад ба воситаи магасҳо (пашшаҳо) сурат гирад.

**Холера**

Холера намуди инфексияи бисёр хатарноке ба шумор меравад, ки метавонад ба паҳншавии эпидемиявӣ мусоидат намояд.

Ангезандаи беморӣ вибрионҳои холерӣ(*Vibrio cholerae*) мебошанд. Ин микрорганизмҳо дар шакли чӯбчаҳои қадшуда(монанди вергул) дар ҳарорати 30 - 40 дараҷа инкишоф мекунад. Дар қисмати болои мевачот ва сабзавот вибрионҳои холерӣ то 1-5 шабонарӯз ва дар ғизои тайёр то 2-5 шабонарӯз зиндагӣ мекунанд. Вибрионҳо дар об хеле хуб нигоҳдорӣ мешаванд. Ҳангоми ҷӯшонидан пас аз 1 дақиқа нобуд мешавад. Вибрион нисбат ба таъсири кислотаҳо ва ҳатто дар консентратсияҳои сусттарин ҳам хеле ҳассос ба шумор меравад. Воситаҳои дезинфиксионии нисбатан на он қадар консентратсияҳои баланд дар муддати чанд дақиқа метавонад вибрионҳои холераро нобуд созад. Ягона сарчашмаи ибтидоии сироятӣ ҳангоми бемории холера одамон ба ҳисоб мераванд.

Thank you for trying PDF Suite